# ҚАРОРИ

## Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон

аз "26" майи с. 2017 № 3 ш. Душанбе

Бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, танзими сатҳи пардохтпазирӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолии фишорҳои қурбию таваррумӣ дар иқтисодиёт, тибқи пайнавишти ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз "26" майи с. 2017, №3:

1. **Меъёри бозтамвил** бетағйир **дар сатҳи 16,0 фоизи солона** нигоҳ дошта шавад.

2. Фишанги нави монетарии амалиётҳои **амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт)** сар карда аз моҳи июни соли ҷорӣ бо меъёри фоизии муқарраркардашуда баробар ба **меъёри бозтамвил тарҳи 10,0 банди фоизӣ** ба роҳ монда шавад.

3. Бо мақсади таъмини пардохтпазирии кутоҳмуддат бо пули миллӣ, такмили фишангҳои пулию асъорӣ амалиёти **СВОП-и кутоҳмуддати 7 рӯза ва 14 рӯза** ба роҳ монда шавад.

4. Бо мақсади нигоҳдории сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ баҳри таъмини устувории молиявӣ ва мусоидат ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ нақшаи **ҳаҷми захираҳои умумии байналмилалӣ** нисбати моҳи воридотӣ то интиҳои соли 2017 **дар сатҳи то 3,5 моҳи воридотӣ** муқаррар карда шавад.